«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Академик____________Пиризода Ҷ.С.
«_20_»_____12_______ с.2023

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи васеъи шуъбаҳои омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, шуъбаи омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

Диссертатсия дар мавзуи «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар шуъбаи омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович соли таваллудаш 1991, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2009 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2014 Донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Аз соли 2014 то 2016 дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ба ҳайси ассистенти кафедраи “Таҳлили иқтисодӣ ва омор” ва аз соли 2016 то ҳол дар Донишгоҳи милли Тоҷикистон ба ҳайси ассистенти кафедраи “Андоз ва андозбандӣ” фаъолияти меҳнатӣ менамояд.

Соли 2016 ба аспирантураи Институти иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ҳоло Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ) тибқи фармони Раёсати АИКТ таҳти №132 аз 29.12.2015с. дохил шуда, бо қарори Раёсати АИКТ аз 31.12.2019, №129 аспирантураро хатм намудааст. Дар давраи таҳияи кори диссертатсионӣ дар мавзӯи «Маблағгузории хурд ва рушди тиҷорати хурди аграрӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистони» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05 Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёт, ташкили истеҳсолот

ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳои КАС ва кишоварзӣ), таҳти роҳбарии н.и.и. дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ. (Протаколи №3 аз 31.03.2016) тули солҳои 2015-2019 аспиранти шуъбаи омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ ба ҳисоб мерафт.

Соли 2020 дар асоси аризаи аспирант Исматов А.Ф. ҷиҳати тағийр додани мавзӯи диссертатсионӣ ва иваз намудани роҳбари илмӣ бинобар мувофиқат накардани мавзӯи диссертатсионӣ ба самти корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи Донишгоҳи милли Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар ҷаласаи Шурои олимони Институт баррасӣ гардида, (Протоколи №11 аз 30.09.2020) дархости аспирант Исматов А.Ф. қонеъ карда шуда, мавзӯи кори диссертатсионӣ дар таҳрири нав "Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ д.и.и., профессор Шамсов Илёсҷон Сафарович таъин гардид.

Маълумотнома ҷиҳати супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оиди тасдиқи супоридани имтиҳон аз фанни таърихи фалсафа ва илм – 4 "хуб" (11.05.2022с.), забони хориҷӣ (англисӣ) - 5 "аъло" (13.05.2022 с.), имтиҳони ихтисосӣ: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз – 5 "аъло" (12.05.2023) маълумотномаи №141 дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шамсов Илёсҷон Сафарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоот дар иқтисодиёти Донишгоҳи милли Тоҷикистон.

**Муқарризони холис:**

- **Пиризода Ҷалил Сафар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ;
- **Ахмедов Давлатали Ҳайталиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи омӯзиш ва мониторинги сармуоягузорӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ;
- **Давлатов Диловар Сайфуллоевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ, факултети молиявию иқтисодии ДМТ

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар

шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити танзими муносибатҳои бозорӣ, давлат ҳамеша бо мақсади такмили низоми қонунгузории андоз ва вусъат бахшидан ба рушди маъмурикунонии андоз, ҳамчун василаи беҳтар гардидонии ҷараёни муомилоти соҳаҳо дар андозбандӣ мебошад, мусоидат менамояд. Раванди барақароркунӣ ва рушди низоми андоз аз лаҳзаҳои соҳибистиқлолии давлат сарчашма мегирад, ки ҷиҳати рушди маъмурикунонии андоз заминаи воқеӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳолати ба миён омадаи навовариҳои технологӣ дар шароити имрӯза имкониятҳои истифодабарии низоми рақамиро дар соҳаи андоз таъмин менамояд, ки чунин тадбир дар аввал қобилияти давлатро оид ба ҷамъоварии маблағҳои андоз каме суст гардонда, бо гузаронидани ислоҳотҳо дар низоми андоз шароитиҳои нави иқтисодиро ба вуҷуд меорад. Чунин раванд аз шароити ҷаҳонишавӣ ба рақамикунонии истеҳсолот, низоми молия, андоз, бонк ва дигар соҳаҳо, ҳамчун шарти ҳатмӣ дар таҷрибаи бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба назар мерасанд.

Раванди маъмурикунонии андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ шаффофияти воридотҳои андоз ба буҷети давлатро дар асоси арзёбӣ гардидани тадбиқи стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 5 ноябри соли 2003 таҳти № 1174, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, консепсияи иқтисоди рақамӣ ва барномаҳои рушди маъмурикунии андоз барои давраҳои миёнамуҳлат таъмин менамояд.

Рушди маъмурикунонии андоз дар madди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, бо мақсади дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ, беҳтар ва бештар намудани хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, ба танзим даровардани назорати андоз, пешгирӣ намудани гуногунфаҳмӣ ва қонунвайронкуниҳои андоз, рақамикунонии муносибатҳои андоз ва тадбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор муқарраротҳоро дар асоси таҳияи Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, ки андешидани он раванди такмили маъмурикунонии андозро таъмин менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуҳои илмӣ.** Мазмуну муқаррароти диссертатсия дар асоси ба роҳ мондани як қатор барномаҳои давлатии дар соҳаи молия ва андоз мутобиқат намуда, амалинамоии онро ҳангоми татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, тадбиқи сиёсати андозию буҷетии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи вазифаҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва қабули барномаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, инчунин раҳнамоӣ ва дастурамалҳо вобаста такмилдиҳии маъмурикунонии андоз истифода гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур арзёбии ҳолати муосири раванди маъмурикунонии андоз ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизмҳои маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Мақсади гузошташудаи диссертатсия зарурати ҳалли вазифаҳои асосии зеринро тақозо мекунад:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва институтсионалии таҳқиқи маъмурикунонии андоз;
- таҳқиқи методии механизми ташаккулёбии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;
- хусусиятҳои маъмурикунонии андоз вобаста ба таҷрибаи андозбандии кишварҳои хориҷӣ;
- ҳолати муосири раванди мъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;
- баррасии мушкилотҳо ва беҳтарнамоии самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз;
- такмилидиҳии низоми маъмурикунонии андоз ва таҳияи модели экометрикии дурнамои воридотҳои андоз Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объект ва предмети таҳқиқот.** раванди такмилдиҳии маъмурикунонии андоз, шаффофияти таъмин гардидани воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот** амалӣ гардидани маҷмӯи тадбирҳо ва чораҳои андозбандиро ташкил медиҳад, ки раванди такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиётро таъмин менамояд.

**Фарзияи таҳқиқот** бар пояи муқаррароте асос ёфтааст, ки ҳангоми дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ такмил додани низоми

маъмурикунонии андоз, муносибатҳоеро бо мақсади беҳтар гардонидани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, шаффофияти воридоти андозҳо, назорати андоз ва коҳишёбии қонунвайронкунии андоз тавассути ба роҳ мондани модулҳои нави хизматрасониҳои электронӣ ва ҳамкориҳои иттилоотӣ бо мақомоти андоз мувофиқ ба мақсад арзёбӣ намудан мумкин аст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссератасионӣ** аз осори классикон, намояндагони равияҳои гуногуни назарияи иқтисодӣ, инчунин асарҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ, коршиносон, мақолаҳои дар сатҳи илмӣ қарордошта, ҳисоботҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ ва ғайра иборат аст. Заминаи методологии тадқиқотро методи диалектикии идрок ташкил медиҳад, ки имкониятҳои омӯзиши падидаҳои иқтисодиро дар ҳоли инкишоф, вобастагӣ ва робитаи мутақобила фароҳам меоварад. Муносибати бонизом вобаста ба предмети тадқиқот бо ёрии методҳо ва равишҳои илмӣ: таҷдиди илмӣ, таҳлилу хулоса, эконометрика, тасвирҳои графикӣ, гурӯҳбандӣ, муқоиса ва амсоли инҳо амалӣ карда шудааст.

**Сарчашмаи асосии иттилоот.** Ба сарчашмаҳои иттилоотии таҳқиқот санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҳлилию омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, блютенҳои Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия солҳои 2020 – 2023 дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии таҳқиқи назариявию институтсионалии рушди маъмурикунонии андоз, раванди ташаккули механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва дар ин замина таъмини саривақтии воридоти андоз ба буҷети давлат иборат мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, аз инҳо иборатанд:

1. Дар асоси омӯзиши назарияҳои мухталифи олимон оид ба мафҳуми “маъмурикунонии андоз”, назарияи худи муаллиф пешниҳод гардидааст. Зимни омӯзиши асосҳои институтсионалии маъмурикунонии андоз муайян гардид, ки такмили қонунгузории соҳаи андоз яке аз асосҳои сохтории институтсионалии танзими андози давлатӣ ба ҳисоб меравад.

2. Дар асоси таҳқиқи методии маъмурикунонии андози гузаронидашуда, механизми мукаммали андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ арзёбӣ гардид, ки механизми маъмурикунонии андоз

раванди татбиқи банақшагирӣ, танзимнамоӣ ва назорати андозро дар бар мегирад.

3. Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди омӯзиш ва татбиқи шаклу усулҳои механизми маъмурикунонии андоз вобаста ба хусусияти андозбандии кишварҳои хориҷӣ мавриди таҳлил ва муқоиса гардидааст, ки дар ин замина саҳми худи давлат ҷиҳати риояи моделҳои пешқадами татбиқи низоми андози кишварҳои хориҷӣ басо муҳим аст.

4. Ҳолати муосири раванди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифт, ки зимни он тасдиқи маълумотҳо оиди баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои андоз, назорати истифодаи имтиёзҳои андозӣ ва дигар самтҳои афзалиятдоштаи рушди маъмурикунонии андоз муайян гардид.

5. Мушкилотҳо ва самтҳои беҳтарнамоии хизматрасониҳои маъмурикунонии андоз дар диссертатсия таҷдиди назар гардида, оид ба вазъи хизамарасонии интернетӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт барои расидан ба ҳалли вазифаҳо ва мақсадҳои рушди маъмурикунонии андоз нигаронкунанда аст, мавриди таҳлил қарор гирифта шуд.

6. Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт нишондиҳандаҳои муҳими самаранокии маъмурикунонии андоз, аз ҷумла ҳолати истифодаи технологияҳои рақамӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ, таъмини ҳамгироии иттилоотӣ, роҳандозӣ намудани тартиби истифодаи меъёрҳои андоз, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин замина рушди низоми андози мамлакат бо мақсади воридоти маблағҳои андоз ба буҷети давлат, ки раванди такмили маъмурикунонии андозро таъмин менамояд, муайян гардидааст.

Тавассути методҳо, моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва истифодаи технологияи информатсионӣ, таъминоти риёзӣ ва барномавии пешгуикунии омории воридоти маблағҳои андоз барои беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои самарабахши маъмурикунонии андоз андешидани натиҷаҳои онро дар диссертатсия муайян намудем.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқот шакли гузориши илмӣ ва тавсиявӣ дошта, омӯзишу таҳлили асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба аҳамият ва ҷанбаҳои гуногуни низоми муносибатҳои андозбандӣ ва рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт фаро гирифтааст. Натиҷаҳои бадастомада, дар хусуси мавзӯи мазкур, минбаъд механизми самараноки маъмурикунонии андоз ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои электронии андозсупорандагонро такмил медиҳанд. Тавсияҳои амалӣ, усулҳои методии дар диссертатсия дарҷёфтаро ҳангоми таҳлили барномаҳои қабулкулгардида оид ба

коҳиш додани шаклу усуҳои анъанавии идоракунии андоз ва дар ин замина фароҳам овардани хизматрасониҳои электрониро ба андозсупорандагон истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Дар диссертатсия эътимоднокии натиҷаҳои ба дастомада бо гузаронидани таҷрибаҳо, тасдиқи маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот арзёбӣ гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти анҷомдодашуда доир ба масъалаҳои такмили маъмурикунонии андоз бо истифода аз маълумотҳои аҳамияти илмию амалӣ доштаи соҳавӣ асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи соҳаи таҳқиқот**. Таҳқиқоти мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, мувофиқат мекунанд: 1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар рушди иқтисодиёт; 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот.** Дар таҳқиқот саҳми муаллиф ҳангоми интихоби мавзуъ, таҳияи нақшаи рисолаи илмӣ вобаста ба мавзӯи интихобгардида, вазифагузорӣ ва нуқтаҳои муҳими ба ҳимоя тавсияшавандаро дар асоси омӯзиш ва таҳлили пайдарҳамии мантиқии диссертатсия натиҷагирӣ намуда, натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва нуқтаҳои муҳими дар таҳқиқоти диссесртатсия бадаст омада, аз ҷониби довталаб дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2020-2024) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертасионӣ дар конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ ва семинарҳои илмию амалӣ натиҷагирӣ гардидаанд. Инчунин мақолаҳои илмии довталаб дар паёмҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академиияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2023, вобаста ба самти кори илмӣ рӯйи чоп омадаанд. Натиҷаи илмии таҳқиқи диссертатсионӣ дар ҷараёни тадриси фанҳои «Андоз ва андозбандӣ», «Назария ва таърихи андоз», «Менеҷмент ва маъмурикунонии андоз» ва «Эконометрика» ва дар амалияи Кумитаи андози назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешаванд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 25 таълифоти илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 4,83 ҷ.ч., аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 192 саҳифаи матни чопии компютерӣ навишта шуда, шомили 17 ҷадвал ва 14 расм мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 20222/11,1 аз 24.11.2023), Донишгоҳи милли Тоҷикистон (№ 441/н аз 20.11. 2023), барои истифода пешниҳод шуда, санад оид ба татбиқи амалии онҳо мавҷуд аст.

**Мақолаҳои асосии муаллиф дар робита ба мавзӯи таҳқиқот:**

**А) Интишорот дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

**[1-М].** Исматов А.Ф. Дастгирии давлатии маблағгузорӣ ба соҳибкории хурд дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] А.Ф. Исматов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷӣкистон // Бахши илмҳои и чтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе – 2018, №8, саҳ. 74-78 [0,31 ҷ.ч. муаллиф]

**[2-М].** Исматов А.Ф. Нақши воридоти андозҳо дар ғани гардонидани буҷети давлатӣ [Матн] А.Ф. Исматов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон// Бахши илмҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе – 2021, саҳ. 162-169 [0,5 ҷ.ч. муаллиф]

**[3-М].** Исматов А.Ф., Шамсов И.С. Вусъатдиҳии рақамикунонии андоз дар самти рушди маъмурикунонии андоз [Матн] А.Ф. Исматов, И.С. Шамсов / Паёми молия ва иқтисод // Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе – 2022. № 1 (30), саҳ. 91-97. (ISSN -2663-0389). [0,43 ҷ.ч. муаллиф]

**[4-М].** Исматов А.Ф., Шамсов И.С. Усулҳои ташаккули маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ [Матн] А.Ф. Исматов, И.С. Шамсов / Идоракунии давлатӣ // Душанбе – 2023. – No. 2(61), саҳ. 17-24. [0,25 ҷ.ч. муаллиф]

**[5-М].** Исматов А.Ф. Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ дар раванди маъмурикунонии андоз [Матн] А.Ф. Исматов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон //

Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе– 2023. No. 10-1, саҳ. 103-112. [0,62 ҷ.ч. муаллиф]

**Б) Дар дигар нашрияҳо:**

**[6-М].** Исматов А.Ф. Тавсифи низоми махсуси андозбандӣ дар низоми амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] А.Ф. Исматов / Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили баҳисобгирӣ, таҳлил, аудит, омор, кибернетикаи иқтисодӣ дар шароти рушди инноватсионии иқтисодӣ» (ш.Душанбе, 05,06-уми майи соли 2017). С. 79-83. [0,31 ҷ.ч. муаллиф]

**[7-М].** Исматов А.Ф. Таҳлили назариявии андозҳои мустақим ва ғайримустақим [Матн] А.Ф. Исматов / Маводи конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯӣ «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт» (Душанбе, 27- феврали соли 2020). С. 81- 86. [0,37 ҷ.ч. муаллиф]

**[8-М].** Исматов А.Ф. Таҳлили назариявии андозбандӣ, системаи андоз ва механизми андоз. [Матн] А.Ф. Исматов / Маводи конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масоили саноатикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 25-уми феврали соли 2021). С. 231-236 [0,37 ҷ.ч. муаллиф]

**[9-М].** Исматов А.Ф. Сиёсати мақсадноки андоз ва самтҳои ҷараёнҳои идоракунии он. [Матн] А.Ф. Исматов / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Баъзе муаммоҳои моделсозӣ дар илмҳои иқтисодӣ ва табиӣ» (ш.Душанбе, 25-уми майи соли 2018). С. 92-97 [0,37 ҷ.ч. муаллиф]

**[10-М].** Исматов А.Ф. Муаммоҳо вобаста ба андозҳои маҳаллӣ [Матн] А.Ф. Исматов / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Иқтисоди рақамӣ ва зарурияти ҷорӣ намудани низоми нави ҳисобҳои миллӣ» (Душанбе, 17-уми феврали соли 2021.) С. 274-280 [0,43 ҷ.ч. муаллиф]

**[11-М].** Исматов А.Ф. Таҳлили назариявии андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ [Матн] А.Ф. Исматов / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони дмт бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (Душанбе, 26-уми апрели соли 2021). С. 164-168 [0,31 ҷ.ч. муаллиф]

**[12-М].** Исматов А.Ф. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар халли масъалаҳои рақамикунонии мақомоти андоз [Матн] А.Ф. Исматов /

Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» (Душанбе, 25-уми феврали соли 2022). С. 156-159 [0,25 ҷ.ч. муаллиф]

**[13-М].** Исматов А.Ф., Қаюмов С.Ш. Ташкил ва самтҳои амалинамоии назорати андоз дар ҶТ [Матн] А.Ф. Исматов, С.Ш. Қаюмов / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Истиқлолияти давлатӣ заминаи асосии рушди иқтисодиёти миллӣ» Колеҷи техникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ. (Душанбе - 27 апрели соли 2022). С.144-148 [0,31 ҷ.ч. муаллиф]

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи "Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз шунидани тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шамсов И.С., баромади муқарризони холис Пиризода Ҷалил Сафар доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, Ахмедов Д.Ҳ. номзади илмҳои иқтисодӣ, Давлатов Д.С. номзади илмҳои иқтисодӣ, баромадкунандагон Одинаев Ш.Т. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент ва Шоазизова М.Д. номзади илмҳои иқтисодӣ маҷлиси васеъи шуъбаҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоварзии АИКТ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзӯи "Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт", аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Ба Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар бораи дуруст ба расмият дароварда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз иҷозат дода шавад.

Дар ҷаласа 19 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 19 нафар, аз рӯйи ихтисоси муҳокимагардида, 4 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: тарафдор - 19 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаҳои омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, шуъбаи омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2023, протоколи № 10/1 қабул гардидааст.

**Раис,**
Мудири шуъбаи омӯзиш ва
мониторинги сармоягузорӣ
дар комплекси агросаноатии
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии
АИКТ номзади илмҳои иқтисодӣ Ахмедов Д.Ҳ.

Котиб, ходими пешбари илмӣ н.и.и Маҳмудова Ш.Ҳ.

**Муқарризони холис:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
академики АИКТ Пиризода Ҷ.С.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири
шуъбаи омӯзиш ва мониторинги
сармуоягузорӣ дар КАС Ахмедов Д.Ҳ.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи андоз ва андозбандӣ,
факултети молиявию иқтисодии ДМТ Давлатов Д.С.

Имзоҳои Ахмедов Д.Ҳ., Маҳмудова Ш.Ҳ.,
Пиризода Ҷ.С.- ро тасдиқ мекунам.
Нозири шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии АИКТ Икромова М.Қ.

Имзои Давлатов Д.С. – ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.